# 16 НОЯБР – РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

11 ноябри соли 2020

№ 12-13 (127-128)

# НИГАҲ АЗ ҚАСРИ МИЛЛАТ МЕКУНӢ БАР ВУСЪАТИ КИШВАР...

**Паю қадами Пешво сабз аст, ҳар қадами Пешво ободиву шукуфоӣ меорад:**

**Ба ҳар ҷое қадам монӣ,**
**Ҳама сабзу шукуфон мешавад аз нури дидорат.**
**Ба ҳар ҷое қадам монӣ,**
**Замин гул мекунад он ҷо,**
**Ҳазорон чеҳра хандон мешавад аз нури дидорат.**
**Ятиму бепарасторе навозиш мекунӣ вақте,**
**Ҳазорон дида рахшон мешаванд аз нури дидорат.**
**Аз ин ободие дорем,**
**Аз ин озодие дорем**
**Дили мо партавафшон мешавад аз нури дидорат**
**Аз он номус "Роғун" офаридаст,**
**Даруни кӯҳ тамаддун офаридаст**
**Чароғон мешаванд бас оламе аз нури дидорат.**
**Китоби "Тоҷикон" – ро додаӣ бар тоҷикон имрӯз,**
**Фурӯзон илму ирфон мешавад аз нури дидорат.**
**Барои қисмати миллат ҳаётат кардаӣ қисмат,**
**Аз ин имрӯз,**
**Аз ин фардо,**
**Ҳама халқат ба сомон мешавад аз нури дидорат.**
**Чу кӯҳи сарбаландӣ дар миёни кӯҳсоронат,**
**Заифандеша ларзон мешавад аз нури дидорат.**
**Нигаҳ аз Қасри миллат мекунӣ бар вусъати кишвар,**
**Шукуфон Тоҷикистон мешавад аз нури дидорат.**



# НАЗАРЕ БА АНДЕШАҲОИ ҶАҲОНСОЗ ВА ҲИДОЯТҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар Тоҷикистон обрӯ ва маҳбубияти зиёд дорад, балки дар саросари олам ҳамчун шахси сулҳдӯсту сулҳхоҳ, ватандӯсту ташаббускор ва сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.**

**Иқдому ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Пешвои муаззами миллат, ки бо мақсади сулҳу субот, ҳифзи муҳити зист, оромию осоиштагӣ ва эмин нигоҳ доштани мардуми сайёра аз ҳар гуна хавфу хатарҳои замони муосир роҳандозӣ шудаанд, нуфузу эътибори Пешвои миллатамонро дар арсаи байналмилалӣ даҳчанд намудаанд.**

**Мо, тоҷикон ва тоҷикистониён аз Президенти маҳбубамон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки мудом баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва сулҳу суботи сайёра ҷаҳду талош намуда, иқдомҳои башардӯстона ва андешаҳои ҷаҳонсози хешро бо ин мақсад равона месозанд, ифтихор мекунем.**

**Аз ин хотир, дар арафаи Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзури хонандаи азиз гардонидани чанде аз андешаҳои ҷаҳонсозу ҳидоятҳои Пешвои миллатро ба мақсад мувофиқ донистем.**

Масъулияти озодӣ бузургтарини масъулиятҳост ҳам пеши худ ҳам пеши ҷомеаи инсонӣ.

***

Озодӣ ноёбтарин неъмати ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо, кафили пешрафт, рамзи муқаддаси ҳувият ва асоситарин шарти бақои ҳастии миллат ва давлат мебошад.

***

Инсони дорои хотира, зеҳн ва фитрати қавиву ҷӯянда бояд лаҳзаҳои тақдирсози ҳастии худ ва дар маҷмӯъ таърих ва хотироти халқу Ватанашро мисли имону виҷдони ахлоқӣ ё мазҳабӣ эҳтирому арҷгузорӣ кунад. Зеро ин хотираи инсон аст, ки ҳамчун як ҳушдори ҳамешагии ибратомӯз ва дӯсти дилсӯз ӯро дар аксар ҳолатҳои таҳдидхез ва ҳалли муаммоҳои печидагиреҳи ҳаёти воқеӣ ба имдод мерасад. Ин хотираи пурғановат ва маънавии бою рангорангӣ инсон аст, ки барои ташхис ва таҳқиқ махуфтарин ҷузъиёт ва ҳаводиси пурихтилофи зиндагии фардӣ ва табақотию иҷтимоӣ ӯро барои шинохтҳо ва гароишҳои саҳеҳ илҳом ва шавқ медиҳад. Агар моҳият ва лаззати маънавии ҳаёти инсон андешаи нек бошад, пас хотироти пурғунҷоиши инсон мушфиқу муҳофизи андеша ва аъмоли варзидаи ӯст.

***

Зиндагӣ мисли андешаи инсон ҳеҷ гуна маҳдудиятро намепарастад. Танҳо ба инсон зарур аст, ки вазифаи азалӣ, шаъну эътибор ва афзалиятҳои маънавию моддиашро бошуурона дар сохтани ҳастиаш ба кор барад. Инсон мавҷудест, ки қудрат ва тавоноии ба саодат расиданро дорад. Танҳо ҷаҳду кӯшиши ҳалолу покиза ва ҳақгароёна зарур аст.

***

Даҳсолаи байналмилалии "Об – барои ҳаёт" аз ҷониби 141 кишвари ҷаҳон пазируфта шуд ва ин ташаббус аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ба қатори 20 пешниҳоди арзишмандтарини ҷаҳонӣ қабул шуд. Ин иқдом аз ҷониби халқи мо, ки даврони гузаришро ба сар мебарад ва аслан худ ба мушкилоти об чандон гирифтор нест, масъулияти бузург аст. Ман моҳияти умумиҷаҳонӣ ва ҳаллу фасл шудани масоили доғу ҳассоси инсониятро дар ҳамин гуна иқдомҳо мебинам, ки бештар ба андеша ва маниши нек, яъне ба хиради инсонгароӣ ва ҷаҳонсозӣ вобастагӣ доранд.

***

Ба шаҳодати ахбору асноди ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳоло беш аз 40 фоизи аҳолии рӯи замин аз обӣ тоза танқисӣ мекашанд ва ҳар рӯз дар дунё 4 ҳазор кӯдак аз бемории вобаста ба камбуди об ба ҳалокат мерасанд. Фикр мекунам, ки ин бадбахтӣ ва мусибати ҳамагонии халқҳо ва миллатҳост, онҳо хоҳ дар сатҳи инкишофу тараққиёти ҳайратовар бошанд, хоҳ пайрави роҳу маслаки дигар.

***

Имрӯз, ки дар сайёра ба оҳанги ризоият ва гоҳе хавфу хатар дар ҷиҳати ҷаҳонгаро шудани ҳама проблемаҳо: чӣ сиёсӣ, чӣ иқтисодӣ ва чӣ иҷтимоию фарҳангӣ гуфтугӯ меравад, мо бояд пеш аз ҳама ба як нуқтаи муҳим - ҷаҳонгаро шудани тамаддунҳо ва фарҳангҳо таваҷҷуҳ намоем.

***

Сарнавишти халқ ҳама илмҳо, ҳикматҳо ва арзишҳоро дар худ ғунҷонда ва ҳифз карда метавонад, танҳо зарур аст, ки ба ин китоби нонавишта инсонвор таваҷҷуҳ ва арҷгузорӣ шавад.

***

Имрӯз, ки дар ҷаҳон бозори васоити коммуникатсионӣ ва информатика хеле гарм аст ва аксаран мубаллиғону ҳомиёни навбаромад, чи аз дохил ва чи аз хориҷ, аз тариқи ин васоит худро наҷотбахши инсоният ва ҷаҳон муаррифӣ карданӣ мешаванд, бояд хуб бидонанд, ки ҳам қаҳрамонӣ ва ҳам худнамоӣ пеши назари халқ маълум аст.

с. 2

# НАЗАРЕ БА АНДЕШАҲОИ ҶАҲОНСОЗ ВА ҲИДОЯТҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**(Аввалаш дар сах. 1)**

***

Халқ довари ҳақгӯву ҳақбин аст. Ман бо он ҳама камбуду нуқсон, душвориву мушкилоти ҳам сиёсӣ, ҳам иқтисодӣ, ҳам иҷтимоиву маънавие, ки одатан хоси замони гузаришҳои бузург ҳастанд, ба ҳувияттшиносӣ ва сарнавиштсозии миллати хирадмандамон бовар ва эътиқоди қавӣ дорам.

***

Сабаби аз давлати миллии худ ва давлатдорӣ маҳрум гаштани мо пароканадагӣ, ҷудоиталабиҳои минтақавӣ, дарк карда натавонистан ва бо ҷасорату матонат барои ҳифзи манфиатҳои умумимиллӣ ва умумидавлатӣ муттаҳид нашудан будааст.

***

Хоҳони онем, ки таърих ва тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи миллатамон дар ҳамоҳангӣ бо дигар таърихҳо, тамаддунҳо, фарҳангҳо, сарнавиштҳои ибратомӯзи халқҳо дар роҳи камолоти инсон ҳамчунон дар хидмат бошад, омӯхта ва дониста шавад ва бо ғаразҳои баду ҷаҳонсӯз таҳрифу омехта нагардад.

***

Ба гузашти дури миллати худ рӯй оварда, мо фақат маълумотнома, санад ва мадорики таърихӣ ҷамъ намеоварем, балки беҳтарин, шоёнтарин ва гиромитарин андеша, афкор ва рӯйдодҳои сарнавишти миллатамонро барои такомули хушбинонаи имрӯзуояндаи халқамон ва бунёди як ҷомеа ва давлати навин меомӯзем ва истифода мекунем.

***

Тоҷикон бо вуҷуди беадолатиҳои зиёди таърих аз рисолати инсондӯстӣ ва фарҳангпарварии худ ҳеҷ гоҳ даст набардоштаанд. Онҳо табиатан миллати фарҳангпарвару башардӯст, созандаву бунёдкор, нексиришту заҳматкаш ва порсову маърифатпарвар буда, аслан ба ягон андешаву ақидаи иркпарастиву инсонбадбинӣ, таассуби нажодию зӯроварӣ ва фишори сиёсию таъқиботи динӣ такя накардаанд.

***

“Авесто” шоҳасари муқаддаси ниёкони мост, фарҳанги ҷаҳоншумул ва рӯида аз андешаи ботинӣ ва ҷаҳонбинии миллии мост.

***

Ба назари ман аз қувваи озодихоҳию истиқлолталабӣ қавитар ва муқаддастар неруе вуҷуд надорад. Таърихи муборизаи халқи тоҷик барои эҳёи давлату давлатдории худ дарси хеле бузург аст. Дар тӯли ҳазор сол чи гуна миллати мо худро нигоҳ дошт, чи гуна забону фарҳанги волояшро ба сатҳи ҷаҳонӣ баровард. Маданияти моддию маънавиро ғанӣ гардонд, имрӯз ба таври хеле ҷиддӣ бояд омӯхта шавад.

***

Мо бояд тарзи зиндагии мутамаддинро дар сарзамини худ такмил диҳем. Барои мо имрӯз масъалаи танзими расму оинҳо, ки зиндагии ҳаррӯзаи халқро аз гаҳвора то марг фаро мегирад, басо муҳим аст.

***

Агар мо фарзандони Тоҷикистон, аз мушкилиҳо наҳаросем, кинаю адоватро ба дилхоямон роҳ надиҳем, тақдири худро аз тақдири Ватани азизу ягона ҷудо накунем, имон бар он дорам, ки пояҳои давлати мутамаддинро таҳким мебахшем ва зиндагонии пурфайзу бобаракатро барои фарзандони худ ва наслҳои оянда месозему ба мерос мегузорем.

Дар шароити кунунӣ мазмуну мундариҷаи андешаи миллӣ пеш аз ҳама аз сидқан дӯст доштани Ватан, гиромӣ доштани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, таҳкими давлати миллӣ, меҳнати бунёдкорона ба нафъи ҷомеа ва дар ин асос таъмин намудани зиндагии арзанда барои тамоми шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ гаштани имконият ва истеъдоди зеҳнию ҷисмонии ҳар як фарди Тоҷикистон иборат аст.

***

Мазҳаби мо бо фарҳанги муросову мадоро ва таҳаммулгароии худ маъруф аст. Яъне мо дар ин масъала ду ифтихор дорем: якум, ин ки асосгузори мазҳабамон парвардаи миллати худамон аст ва дуюм, ин ки ин фалсафа ва ҷаҳонбинии сулҳу таҳаммул қобили қабули тамоми инсонияти солимфикру хайрхоҳ мебошад. Аз ин лиҳоз, ба мо ҳам қарзу ҳам фарз аст, ки аз таълимоти ҷовидонаи бузургони гузаштаамон, аз ҷумла Имоми Аъзам барои таҳкими сулҳу суботи кишварамон, муҳаббату ҳамдигарфаҳмии мардуми шарифамон ва тинҷиву ободии Ватани азизамон ба ҳадди аъзам истифода намоем.

***

Муҳимтарин вазифаи сиёсатмадорон дар марҳилаи гузариш эҳтимол иборат аз он бошад, ки миёни зарурати дигаргуниҳои воқеӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба ҳиссиёту имону эътиқоди одамон, ки тамоми сарватҳои мо ҳосили заҳмати онхост, роҳи мусолиҳа ва якдигарфаҳмиро дарёбанд.

***

Ҳуқуқу озодиҳои шахс дастоварди муштараки тамаддуни инсонӣ аст, ки бо истиқрори сулҳу амнияти сайёра дар робитаи мустақим қарор дорад.

***

Халқ чун кӯҳи азимест, ки ман ба он такя карда барои ободии Ватан хидмат хоҳам кард.

***

Тану ҷон ва ҳастии худро фидои миллатам намуда, ҳеҷ чизро аз халқи худам дареғ намедорам.

***

Анҷоми ҳамаи ҷангҳо сулҳу оштист, хоса низоъҳое, ки аз сари ҷаҳлу ғазаб, нофаҳмӣ ё ба ангезаи қувваҳои бадхоҳ байни бародарон сар мезанад. Имрӯз Тоҷикистон ба марҳилаи нав қадам мегузорад ва ҳар як фарзанди он агар нангу номус дошта бошад, дар ин ҷаҳони пурҳодиса бояд ғамиояндаи миллату давлатро бихӯрад.

Мо ба шоҳроҳи бунёди ҷомеи навин баромадем. Вале ҳар чизи нав на фақат ба гузашта такя мекунад, балки аз он такон меҳӯрад. Фазои истиқлолияти давлатӣ тақозо дорад, ки мо дар бораи ҷавҳари ғояи умумимиллӣ, ки зодаи моҳияти зиндагии ҷомеа бошад, андеша кунем.

***

Ҳар як насл дар таърих рисолат ва нақши худро иҷро мекунад. Наслҳои пешин ва гузаштагони хирадмандамон ба мо махзани афкори ҷовидонаи хешро оид ба фалсафа, ҳақиқат, хирад ва рисоати одамӣ ба мерос мондаанд. Вазифаи мо — ворисон аз он иборат аст, ки ин орзуву армони пешиниёнро дар амал татбиқ созем ва ҳамеша барои осудагиву хушбахтии инсон талош намоем.

***

Сарзамини тоҷикон ҳамеша макони дӯстию рафоқат ва инсонпарварию покдилӣ буд. Ин хислатҳои волоро тамаддуни бой ва куҳани тоҷикон ба фарзандони миллат бахшидааст. Имрӯз, ки мо баъди ҳазор сол аз сари нав давлатдории худро пайдо кардем, боз садоқати худро ба ин анъанаҳои нек изҳор менамоем.

***

Ягон фоҷиае талхтар аз ҷанги байни фарзандони як миллат нест.

***

Бегонапарастӣ ва инкори дастовардҳои таърихию фарҳангӣ то ҷое расид, ки мо аз миллати худ, ки аз ҷумлаи қадимтарин ва бофарҳангтарин мардуми олам будааст, ор мекардем, аз бехабарии хеш гузаштаи пурифтихори ниёгонро пушти по мезадем.

***

Мо бояд сарҷамъу аҳлона заҳмат кашем, ватанамонро обод созем ва ба наслҳои оянда ҳамчун мулки ободу давлати пешрафта ба мерос гузорем. Ин талаби замон, тақозои нангу номус, нишонаи соҳибватанӣ ва шарти ватандорист!

***

Мо, ҳама фарзандони Тоҷикистони соҳибистиқлол, тамоми кӯшишу ғайрати худро ба он равона созем, ки ватанамонро нисбат ба имрӯз ободу зебо, давлатамонро пешрафтаву неруманд ва рӯзгори ҳар як хонадони мардумамонро осудаву бобаракат гардонем.

***

Халқи шарифи Тоҷикистон имрӯз хуб медонад, ки оромию ободии кишвар, зиндагии осуда ва амнияти мардум аз ҳар шаҳрванди миллатдӯсту ватанпарвар вобаста аст.

***

Мо — наслҳои имрӯзи тоҷикон, ки масъулияти тақдири давлат ва миллатро ба дӯши хеш гирифтаем, бояд иттиҳоди халқамонро поянда нигоҳ дорем ва ба бунёдкориву созандагӣ раҳнамун созем.

## ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ 28 – УМИН СОЛГАРДИ ИҶЛОСИЯИ 16 – УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Омӯзгорон ва донишҷӯёни азиз!**

Баъди чанд рӯз, аниқтараш 16 — уми ноябр ба санаи таърихии баргузории Иҷлосияи 16 — уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 сол пур мешавад. Аз ин рӯ, тамоми омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳро ба ин муносибат самимона табрик мегӯям.

28 сол муқаддам, яъне 16 — уми ноябри соли 1992 дар қасри фарҳангии Арбоби хоҷагии ба номи Саидхӯҷа Урунхӯҷаеви Хуҷанди бостонӣ Иҷлосияи 16 — уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) баргузор гардид, ки он дар таърих бо номи иҷлосияи тақдирсоз ёд мешавад.

Дар иҷлосия, ки аз 16 — уми ноябр то 2 — юми декабри соли 1992 давом кард, аз 230 нафар вакили халқ 193 нафар иштирок намуд. Иҷлосия 23 масъаларо дар бар гирифта буд, аз ҷумла: Мурочиати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; Дар бораи тартиби ба ҷои истиқомати доимиашон баргаштани гурезаҳо; Дар бораи Нишон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Дар бораи интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Дар бораи авфи умумӣ; Дар бораи аз муҳосираи иқтисодӣ раҳо додани минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ; Дар бораи ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятиву сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра, ки аз рӯи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд. 19 — уми ноябри соли 1992 иҷлосия Эмомалӣ Раҳмоновро бо овоздиҳии пинҳонӣ (бо ҷонибдории 187 вакил) ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб намуд.

Эмомалӣ Раҳмонов дар давраи басо мушкил, ки дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ ба амал омада буд, тавонист тамоми қувваҳои пешқадами сулҳпарварро дар гирду атрофи худ муттаҳид намояд. Ӯ бо суханони барномавии худ дар назди вакилони халқ баромад намуда, қасам ёд кард, ки тамоми қувваи худро ва агар лозим шавад ҷони худро фидо менамояд, то ки дар Тоҷикистон сулҳ ва оромӣ пурра пойдор гардад.

Ҳаёт нишон дод, ки Президенти имрӯзаи кишвар Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ваъдааш, ки гуфта буд: “Ман ба Шумо сулҳ меорам” вафо кард. Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи ҳассоси таърихӣ ба сари кудрат омад ва масъулияти баланди роҳбарии мамлакатро ба уҳда гирифт. Ӯ миллатро аз пароканадашавӣ ва давлатро аз нобудшавӣ наҷот дода, маҳбуби ҳамагон гашт.



Мардум ӯро фарзанди фарзонаи миллат — Президенти мардумӣ, ятимпарвар ва билохира, Пешвои миллат хонданд.

Хуллас, Иҷлосияи 16 — уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти таърихӣ мебошад. Ин иҷлосия барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлолияти мамлакат, ваҳдати миллӣ замина гузошта, дар кишвар ба раванди бунёдкорӣ оғоз бахшид ва симои сиёсии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд.

Тавре ки ректори Донишгоҳи сулҳи Созмони Милали Муттаҳид Мартин Лиз иброз доштанд: “ Иҷлосияи 16 — ум қарори хирадмандона ва муҳимеро қабул кард, ки Эмомалӣ Раҳмоновро ба ҳайси Сардори давлат интихоб намуд. Маҳз, пас аз ин қарори барои кишвар тақдирсоз раванди сулҳ шакли воқеиро касб кард.

Имрӯз таҷрибаи ҳалли мусолиҳатомези низоъ дар Тоҷикистон метавонад дар дигар нуқтаҳои даргири мухталифи ҷаҳон бомуваффақият истифода шавад”.

**Ҳамкасбон ва донишҷӯёни азиз!**

Бо шукргузорӣ аз сулҳу субот, вусъати корҳои ободониву созандагӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кишвар, ки дар он Шумо низ ҳиссагузор ҳастед, бовар дорам, ки дастуру супоришҳои Президенти маҳбуби кишвар — Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмоновро минбаъд низ сармашқи кори хеш қарор дода, дар боз ҳам хубтару беҳтар гардонидани сифати таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос кӯшишу ғайрат ба харҷ медиҳед.

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи он сарвароне мебошанд, ки ҳастии хешро барои мардум ва зиндагии шоистаи онҳо бахшидаанд. Хидмати бузурги ин Сарвари беҳамто дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарорсозии сулҳ, мустаҳкам намудани шоҳаҳои асосии Ҳокимияти давлатӣ, амалӣ сохтани ҳадафҳои стратегӣ ва амсоли инҳо беназир буда, сиёсати пешгирифтаи Пешвои муаззам дар тарбияи ватандӯстию хештаншиносӣ, маънавию ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ, илмӣ, ҳаёти солим ва ғайра нақши басо муҳим бозидааст.

Ҳар як тадбир ва корнамоиву каҳрамониҳои Пешвои миллат ба ҷавонони имрӯзаи кишвар дарси ҳаёт, ифтихор ва дӯст доштани Ватанро талқин намуда, намунаи ибрати мардонагӣ, дарки баланди инсондӯстӣ ва муносибати хуби одамгарӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, метавон оид ба нақши бузурги Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, таҳкими ваҳдати миллӣ ва тарғиби дастовардҳои нодири он ба якчанд нуктаҳои муҳим такя намуд, ки саргузашти дирӯз ва имрӯзи кишвар ба ояндабинӣ ва созмон додани корхонаҳои бузурги замони аср ба тарбияи ҷавонони мамлакат бетаъсир нахоҳад монд. Хидматҳои намунаи ибрати Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар чанд қисмат метавон ба тариқи зайл иброз намуд.

Аввалан: Худованд бар сари халқи Тоҷикистони ҷавон сарвареро ҳадя сохт, ки мақсаду маром ба даъвати асосиву доимиашон дар ҳама давру замон ваҳдату ягонагӣ буда, тавонистанд барои сарҷамъии мардуми парешонгаштаи тоҷик муборизаи беамон баранд ва ба ин васила, ба сӯи муваффақиятҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ роҳ кушоянд. Зеро дар ҳар давлате, ки сулҳу оромӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ пойдор бошад, он кишвар рӯ ба рушд мениҳад.

Дуюм: мақсаду ҳадафи асосии фаъолияти Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шурӯъ аз Иҷлосияи 16 – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз барпо намудани сулҳ, ваҳдат ба якдилию якпорчагии Тоҷикистон ва пойдор нигоҳ доштани он дар ҳар хонадони тоҷику тоҷикистонӣ буд.

Сеюм: Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қавлу суханашро дар амал татбиқ намуда, бо ин амал сазовори боварии омма гардиданд. Аз зери тиру туфанг гузашта, ба назди мардум рафта, онҳоро ба муттаҳидию ободкорӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар даъват намуданд. Дар ибтидо аз байн бурдани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезаҳо аз ҷумҳурии Афғонистон ва дигар кишварҳо ва ба ҳам овардани халқи парешонгашта мушкил буд. Аммо Сарвари давлат гоҳ тавассути расонаҳои хабарӣ, зимни воҳӯриҳо бо сокинону фаъолон, аҳли зиё, ҷавонону занон ва гоҳ ба муқобили тиру туфанг истода тавассути суҳбату воҳӯриҳо, суханрониҳо ва изҳороту муроҷиатномаҳо оммаро ба ваҳдату ягонагӣ ва муттаҳидӣ даъват менамуданд. Аз ҷумла дар яке аз муроҷиатҳои худ соли 1992 ба мардуми шарифи Тоҷикистон иброз намуданд: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам. Таърих ва таҷрибаи ҳаётӣ исбот намуд, ки мақсаду андешаҳои сулҳҷӯёнаи Президенти кишвар воқеан тавонист, ки ба ҳар оила, ҷомеа ва Тоҷикистон фазои тинҷию амониро ҳадя созад.

**Аҳадулло БАҲОРОВ,**
**донишҷӯи курси 1 – уми**
**факултети иқтисодиёт**
**ва молия.**

# БАХТНОМАИ МИЛЛАТ

Миллати тоҷик, ки яке аз миллатҳои мутамаддини олам маҳсуб мешавад, дар тӯли таърихи башарӣ ба оламу оламиён осори пурарзишу гаронбаҳои фарҳангию маънавӣ ва адабиро эҳдо намудааст.

Маҳз гузаштагони мо бори аввал дар ҷаҳон салтанати бузургеро созмон доданд, ки дар се қораи маскуни кураи Замин густурда шуда буд. Он чиз мусаллам аст, ки фарзанди бузургу тамаддунофари миллати мо Куруши Кабир дар ҳудуди империяи Ҳахоманишӣ Эъломияи ҳуқуқи башарро қабул кард, ки якумин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар рӯи Замин ба шумор меравад ва дар дунё бо номи “Силиндри Куруши Кабир” машҳур аст.

Аз эҳтимол дур нест, ки “Эъломияи ҳуқуқи башар” - и Созмони Милали Муттаҳид, ки ҳоло амал мекунад ва ба ин созмон зиёда аз 190 давлати дунё узвият доранду онро эътироф менамоянд, дар асос ва пайравии ҳамон санади меъёрии ҳуқуқии гузаштагони мо ба тасвиб расонида тартиб дода шуда бошад.

Ёдовар бояд шуд, ки ҷумҳурии мо дар давраи шӯравӣ низ Конститутсияи худро дошт, аммо тавре маълум аст, тибқи он санад давлати мо дар амалисозии сиёсати хориҷӣ мухторият надошт ва дар масъалаҳои муҳимми сиёсию давлатӣ мустақилона тасмим гирифта наметавонист.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатию сиёсӣ - 9 сентябри соли 1991 кишвари мо Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатиро қабул кард. Яке аз дастовардҳои муҳимми даврони истиқлол – ин қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар радифи панҷ конститутсияи беҳтарини ҷаҳон эътироф гардидааст ва тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар бар мегирад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқию сиёсии дорои эътибори олии ҳуқуқӣ буда, асосҳои низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, тартиби таъсис ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, низоми интихобот ва ғайраро муқаррар менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарвоқеъ, санади сарнавиштсоз ва бахтномаи миллати тоҷик дар арсаи рушд ва нумӯи давлатдории миллӣ, ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ, қарору қонунҳои амалкунандаи ҷомеа мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба он ки маншаи аввалини худро аз Эъломияи Куруши Кабир, ки масъалаи меҳвариашро эҳтироми инсон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯ, риояи рукнҳои адолат ва меъёрҳои адолати иҷтимоӣ дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеа ташкил медод, гирифта шуда, мазмуну муҳтавои бобҳо, моддаҳо ва зербандҳои он фарогири тамоми дастовардҳои даврони соҳибистиқлолиамон мебошанд.

Масъалаҳои меҳварии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мафҳумҳои инсон, шаҳрванд ва халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти кишвар, арзишҳои фарҳангӣ ва муқаддасоти миллӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии ҳудуди он, ҳимояи боигариҳои табиии кишвар ва сохтори идоракунии давлатӣ ташкил медиҳанд.

Дар Конститутсия роҳи ояндаи давлатдории тоҷикон дар шакли давлати дунявӣ муқаррар шудааст, ки яке аз дастовардҳои бузурги миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро мусаллам аст, ки дунявият ба шакли давлатдорӣ тавонистааст, кишварҳои бузурги ҷаҳонро ба рушди бемайлони сиёсиву иқтисодӣ расонида, меҳвари асосии онро инсон, шарафу ном ва зиндагии шоистаи дунявии он ташкил медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои хоси Конститутсия аз он иборат аст, ки он дастовардҳои мукаммали даврони соҳибихтиёрии кишвар, сарчашмаи ҳуқуқии бунёди давлати навтаъсиси миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъминкунандаи истиқлолият, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои тамоми шаҳрвандони кишвар мебошад.

Конститутсия дар худ маҷмӯи арзишҳои эътирофшудаи ҷомеаи шаҳрвандиро инъикос карда, кафили ҳифзи эътимодноки онҳо, рушду нумӯи кишвар дар замони хассоси ҷаҳонишавӣ пайдо шудани хатарҳои нави ҷаҳонӣ мебошад. Он ояндабинии рушди Тоҷикистонро муайян намуда, ҷиҳати бартараф кардани мавҷи ноормиҳову низоъҳои дохилӣ, таъмини сулҳу суботи кишвар ва муваффақ шудан ба ваҳдати миллӣ нақши беназир гузошт.

Танҳо хотиррасон кардани он нукта басанда аст, ки шаклу усули истиқрори сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон – омили муттаҳидсози миллат дар таърихи башарият камназир мебошад, ки он бевосита тахти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст.




Аз ин лиҳоз, Конститутсия ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ барои Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, бахусус, фаъолияти созандагию бунёдкорӣ шароити мусоиди сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангиро фароҳам оварда, мардуми кишварро ба меҳнати софдилона, татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлат, қарору қонунҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳидоят намуд.

Имрӯз миллати фарҳангсозу тамаддунофари тоҷик дар фазои оромию осоиштагӣ умр ба сар бурда, тахти роҳбарию ҳидоятҳои хирадмандонаи Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон баҳри эҷоди давлати пешрафтаи мутамаддин ва ояндаи дурахшон камар бастааст ва итминони комил дорад, ки ҳуқуқу озодиҳои онро Конститутсияи мо ба таври боварибахшу боэътимод таъмин менамояд.

**Амирӣ Нуриддин,**
**муаллими калони кафедраи**
**фанҳои гуманитарии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон**

## ҲУҶҶАТИ САРНАВИШТСОЗ

Истиқлолият давраи нави эҳёи тамаддуни халқи тоҷик ба шумор меравад. Миллат тавассути даврони мустақилият бо дарки амиқи ватандорӣ ба эъмори давлати дунявӣ ва демократӣ иқдом намуд.

6-уми ноябри соли 1994 бори нахуст Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раъйпурсии умумихалқӣ аз ҷониби мардум қабул гардид. Ин шиносномаи миллат роҳи рушди минбаъдаи давлати Тоҷикистонро муайян намуда, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро кафолат дод. «Ҳадафи сиёсии мо барпо кардани давлати демократию ҳуқуқбунёд аст. Дар ин ҷода, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади воломақоми миллат ва шохсутуни устувори сулху ваҳдат, раҳнамои ҳамешагии мо хоҳад буд», — гуфтааст Президенти кишварамон Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Конститутсия асосан шиносномаи давлату миллат ҳисобида мешавад, зеро дар он номи давлат, сохти давлатдорӣ ва сохтори он нишон дода мешавад. Дар он асоси низоми ҳуқуқии давлат муайян мегардад. Он ҳамеша қонуни асосии давлат ҳисобида шуда, сарчашмаи ҳамаи қонунҳо мегардад. Мувофиқи ин қонун ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Бо шарофати қабули Конститутсияи Тоҷикистон чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ, халқи Тоҷикистонро чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ шинохтанд. Ин санади муқаддас ва тақдирсоз чун чароғи фурӯзон роҳи рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва мардуми онро барои садсолаҳо мунаввар мекунад. Боиси ифтихор аст, ки Конститутсияи кишвар дастгиру роҳнамои мардуми тоҷик гардид. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ аз он иборат аст, ки конститутсияро эҳтиром намояд.

**Қ. Раҳимова,**
**сарпарасти гурӯҳи академии 1-26020202А2, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ**

## TAJIKISTAN PRESIDENT`S DAY

The president of Tajikistan is the head of state and the highest position within the Government of Tajikistan. The position of President was created in November 1990 while Tajikistan was still a Soviet Republic. The president of Tajikistan lives in the capital, Dushanbe.

President’s Day in the country will be celebrated every year on 16 November without a day off. This date - 16 November is remarkable that in this day in 1994 hosted the first inauguration of newly elected President of Tajikistan Emomali Rahmon.

All secondary schools and universities of the country are also to be shown the books, Emomali Rahmon, lectures on their presentation, in preschool institutions of the country will be a competition of children’s drawings on the theme «The President of the eyes of children.

The military units will meet the soldiers and officers of the Armed Forces of Tajikistan with renowned personalities in the country: the meeting will take place under the motto «Loyalty to the President - devotion to the Motherland.

On the November 16 in all regional, city and district centers of Tajikistan will be fitted with large portraits of Emomali Rahmon with the words «Our President - our leader.

# МУҚОВИМАТ БА ФАСОД - КОРИ ҲАМА ВА ҲАР КАС

**Ҳанӯз дар аҳди бостон калимаи “коррупсия” ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зараррасонанда ва фурӯхтани мансаб маънидод карда шуда, ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд ва афроди ба чунин амал дастзада дар ҳамаи давру замонҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Аз нигоҳи луғавӣ истилоҳи “фасод” (“коррупсия”) аз калимаи лотинӣ “corruptio”, гирифта шуда, маънохои «харидан, вайронкунӣ ва ришвадиҳӣ» фаҳмида мешавад.

Фасод ба ҷуз вайронӣ чизе ба бор намеорад, ҷуз оқибмонӣ ҳосиле надорад, боввариро нисбати ҳама касу ҳама чиз мекоҳонад, сатҳи олимро аз омӣ поинтар мекунад. Фасод амале мебошад, ки давлатро хароб мекунад, вайронихою бадиҳои дигаро пушти худ мекашонад. Тибқи баъзе иттилооти созмонҳои ғайридавлатӣ фасод дар пешрафтатарин мамлакатҳои дунё



низ ба чашм мерасад. Аз ин бармеояд, ки мубориза бо коррупсия қувваи бузургро талаб мекунад. Фасод имрӯз воқеан ҷомеаи башариро, ки дар раванди босуръати тараққиёт қарор дорад, таҳдид менамояд. Баъзе аз нафарони алоҳида бо гирифтани мансаб ва ё ишғоли вазифа кӯшиш менамоянд, ки фоидаи муфт ба даст оранд. Ҳеҷ як соҳаи ҳаёти ҷомеа наметавонад аз хатарҳои коррупсионӣ бетаъсир монад. Ин зуҳуроти номатлуб ба иқтисодиёти давлат зарари ҷиддӣ расонида, бовварии мардумро ба ҳокимият коста мегардонад.

Пас, моро зарур аст, ки бо ин амали номатлуб муборизаи беамон барем. Ин аст, ки дар мамлакатамон бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат, Президенти кишвар чораҳои қатъӣ андешида мешаванд. Чунончӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия” 21 июли соли 1999, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2013 №1504 “Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020”, қабули қонуни фарогири масъалаҳои марбут ба коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, таъсис ёфтани Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия, комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва таъсиси ниҳоди махсусгардонидашуда - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз ҷумлаи он тадбирҳо мебошанд.

Имрӯзҳо яке аз проблемаҳои замони муосир ин мубориза бо коррупсия мебошад. Оид ба ин масъала солҳои охир дар матбуоти даври Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бисёр фикру ақидаҳо пешкаш шудаанд. Инчунин дар яке аз ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо фасоди байналмилалӣ қайд шудааст, ки амали мазкур ин сӯиистеъмол аз ҳокимияти давлатӣ бо мақсади ғаразнок ба манфиати шахсӣ аз тарафи шахси мансабдор аст.

Ба андешаи мо сабабҳо ва омили асосии фасод дар ҷомеаи мо ин паст будани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, омода набудани мардум ба иқтисодиёти бозоргонӣ ва дарк накардани қоидаҳои он мебошад. Аз ин рӯ, бо ибтикори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор ислоҳоти ҳуқуқӣ дар самти танзими сохтори қонунҳо рӯйи кор омад ва барои мубориза ба коррупсия чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Дар таҳкурсии иродаи устувори сиёсати зиддикоррупсионии роҳбарияти олии кишвар як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳри пешгирии фасод ва мубориза бар зидди он қабул гардидаанд. Чунончӣ, соли 2005 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии зидди фасод, Стратегияи муқовимат ба фасод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 ва дигар санадҳо.

Дар асоси Стратегияи муқовимат ба фасод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, бояд дар тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барномаҳои идоравии мубориза бо коррупсия бо назардошти соҳаи фаъолияти худ таҳия ва мавриди татбиқ қарор гиранд.

Аз гуфтаҳои боло чунин бар меояд, ки:

1. Фасод ин монеаи асосӣ дар роҳи рушди иқтисоди кишвар, пешрафти иҷтимоӣ, татбиқи муваффақонаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад;
2. Фасод ба давлат, дастгоҳи идоракунӣ ва рушди минбаъдаи кишвар бовварии шаҳрвандонро коста мекунад;
3. Фасод ба имконоти аҳолӣ дар амалӣ намудани нақшаҳои муҳими ҳаётӣ монеаҳои сунъиро ба бор меорад;
4. Рушди комили соҳаҳои ҷудогонаро дар хоҷагии халқ халалдор ва боз хоҳад дошт.

Ҳамин тариқ, ҳар яки моро зарур аст, ки дар Тоҷикистон шаклҳои ҳамкории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба муқовимат ба коррупсия, аз ҷумла ташаккули мафкураи зиддикоррупсионӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон дар чараёни мубориза ва муқовимат ба коррупсия, гузаронидани таҳқиқотҳои иҷтимоӣ, ташкил намудани курсҳои таълимии зиддикоррупсионӣ, ташаккули фазои оштинопазирӣ ва фарҳанги зиддикоррупсиониро дар ҷомеа ба василаи ба роҳ мондани ҳамкории густардаи мақомоти давлатӣ бо ВАО ва амсоли инҳо пурзӯр гардонем. Ҳамаи ин чорабиниҳое, ки амалӣ шуда истодаанд идомаи корҳои созандагӣ, ободкорӣ ва бунёдкории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Онҳо баҳри таъмини оромии ҷомеа, ҳаёти осуда ва хуррамии шаҳрвандони мамлакат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидаанд.

**К. Карамалишоев,**
**омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

**Андешаҳо баъди тамошои филми мустанади “Хиёнат”**

# САБТИ ҲАҚИҚАТИ ТАЪРИХИ ГУВОҲ

Чанде пеш баъди пахши силсилафилми мустанади “Хиёнат” тариқи шабакаҳои телевизионии ҷумҳурию маҳаллӣ нафарони касбу кори гуногун андешаҳои хешро атрофи бартарию муҳимияти он тариқи расонаҳо иброз намуданд, ки воқеан боиси эътироф аст. Аз ҷумла муаллифи мақолаи “Хиёнат”- парда аз рӯи хоинон бардошт”- Ҷасур Мирзозода (Ҷумҳурият, 14.10.2020. № 204 (24 059) с.3) навиштааст: ”Бароям муҳим нест, ки онро ки таҳия кардааст? Вале нишонрасу таъсирнок будани филмро эътироф накардан мантиқан ба инсофан дуруст нест. Дар маҷмӯъ, пахши филми “Хиёнат” ба андешаи инҷониб барои тоҷику тоҷикистонӣ тантанаи адолат аст. Наҳзатиҳо ва нотавонбинони миллати тоҷик бояд дар назди қонун хатман ҷавоб гӯянд то барои дигарон сабақ гардад.”

Дар навори ин филми мустанад воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта, ҷанги таҳмилии шаҳрвандист, ки чун таърихи гӯёи талху хунин бо далелу аксу ҳуҷҷат ва шоҳидону шаҳодати онҳо инъикос гардидааст. Ба он бовар ҳастам, ки ба дидани наворҳои ин филми мустанад биннада бо ҳасрату надомат мегӯяд:

**Ман аз бегонагон ҳаргиз наноламам,**
**Ки бар ман ҳар чӣ кард он ошно кард.**

Ин маъниро Рустами Суҳроб дар мақолаи худ “Хиёнати наҳзатиҳо”. Аз гаравгонӣ то қатли хазорон нафар. (Ҷавонони Тоҷикистон. 08.10.2020. № 41 (9675) с.8) чунин иброз намудааст. “Хиёнати ташкилоти террористии собиқ Ҳизби наҳзати исломӣ хиёнатест, аз дигар хиёнатҳо фарққкунанда. Одам метавонад ба бегонае хиёнат кунад, аммо ба давлату миллати худ хиёнат кардан азимтарин бешарафӣ ва пасттарин хислати инсонӣ махсуб мёёбад.” Дар ҷомеаи муосир, ки чараёни марҳилаҳои ҷаҳонишавӣ идома дорад, ҳар лаҳза дигаргун шудани раванди зиндагӣ дар сайёра воқеаҳои гуногун меофарад, пахши филми мазкур алайҳи нотавонбинони миллати тоҷик аслиҳаест ва муқобили падидаҳои номатлуби сайёра терроризму экстремизм. Чунон муаллифи мақолаи “Хиёнат”- оинаи ҳақиқатнамои таърих“, Гулбахор Назирӣ ин маъниро хеле комил иброз намудааст: ”Дар филми “Хиёнат” ягон чизи бофтаю хаёлӣ нест. Аз ҳама асосиаш дар самти мубориза бо терроризму экстремизм аслиҳаи тавоно будани филми мазкур аст.”

Дар умум андешаҳои ҳама муаллифони мақолаҳо як садоро менавозанд. Ин ҳам бошад хушёрию бедорӣ, худшиносӣ, сулҳу субот, ҳамдилию ҳамдигарфаҳмии инсонҳо. Чуноне дар андешаҳои ҷаҳонсози Пешвои миллат омадааст: “Инсонҳо дар робита ва пайванд бо чунон худогоҳӣ ва худшиносӣ бошанд, ки миёнашон ваҳдати назарҳо барои як зиндагии зебо ва башоратбахш эҳдо шавад.” Ва мақсад аз ин садоҳо, ин назарҳои муаллифони мақолаҳо ба ҳар нигоҳи сокини ин диёри нур ваҳдати назарҳост ва башоратбахши як зиндагии зебо.

**Тағойгули Саъдулло,**
**корманди Китобхонаи илмии ДТТ.**

24 НОЯБР - РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ПАРЧАМАТ ПАРАФШОН БОД, ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ!

**Як нишони Ватан Парчам аст,**
**Шаъну шони Ватан Парчам аст.**
**Қудрати лашкар аз Парчам аст,**
**Шавкати кишвар аз Парчам аст.**

Парчами давлатии Тоҷикистон рамзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дӯстиву бародарии ҳамаи миллатҳои он ба шумор меравад. Ин рамзи давлатӣ шаҳрвандонро ба зиндагии ором, сулҳу осоиш ва талош ба хотири



ҳаёти арзанда, рушду нумуи ҳаматарафа ва соҳибихтиёриву соҳибдавлатӣ сафарбар менамояд. Аз ин рӯ, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Парчами давлатии мамлакат таҷлил карда мешавад. Парчам дар баробари Нишон ва Суруди миллӣ яке аз рамзҳои асосӣ, нишонаҳои соҳибихтиёрии давлат ба шумор меравад.

Воқеан Парчам дар фаъолияти давлатдорӣ, аз он ҷумла дар гузаронидани чорабиниҳои расмию ғайрирасмии давлатӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, ҳамчунин, дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҳар як фарди ҷомеа мавкеъ ва нақши хоси худро доро мебошад.

Дар парчами давлатии мо рангҳои сурху сабзу сафед, ки аз покии дили ниёгон, сурхии хуни шаҳидон ва сабзии хати дафтару девони пешиниён маншаъ мегиранд, ҳамчун таҷассумгари мубориза барои озодӣ ва истиқлол, бахту иқболи сафед,ояндаи дурахшон, сулҳу субот инъикос гардидаанд. Парчамро аз замонҳои қадим дар ҷангу муҳорибаҳо парчамбардорон пешопеши лашкар мебурданд ва ба дасти душман афтодани парчам нишони шикасту мағлубияти давлат ба ҳисоб мерафт. Ин калима ба ин маънӣ дар адабиёти гузаштаи мо корбурди фаровон дорад. Шоиста аст, Парчами давлатӣ ҳамчун муқаддасот ва рамзи миллии давлат мавриди эҳтиром ва қадршиносии ҳар фарди миллат қарор бигирад.

Парчам ба сифати рамзи давлату миллат аз рӯзгорони қадим мавҷуд буд ва аз ҳастии давлату миллат гувоҳӣ медод. Парчами нави давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол 24-уми ноябри соли 1992 дар иҷлосияи 16 - уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун рамзи ин кишвари соҳибистиқлол дар Тоҷикистон ва дигар ақсои олам парафшонӣ мекунад ва ба оламиён аз мавҷудияти давлати тозаистиқлоле бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон мужда медиҳад

**Шарифзода Нафисаи Умедҷон,**
**донишҷӯи курси 3- юми**
**ихтисоси 1-25-01-0711**

# THE NATIONAL FLAG DAY

The national flag of Tajikistan was adopted in November 1992, replacing the flag of the Tajik Soviet Socialist Republic of 1953. The flag of Tajikistan is a horizontal tricolor of red, white and green with a width ratio of 2:3:2, charged with a crown surmounted by an arc of seven stars at the center. The tricolor preserves the choice of colors in the former Tajik Soviet flag, as well as the 1:2 proportions.

The flag day is celebrated on November 24, which is the day it was officially adopted.

The flag of Tajikistan is a tricolor of red, white, and green. The red represents the unity of the nation as well as victory and sunrise. The red also serves as symbolism of the former Russian and Soviet eras,[5] the workers,[6] and the warriors who sacrificed their lives to protect the land.[7] The white represents purity, morality, the snow and ice of the mountains, and cotton.[2][8][9][10] The green represents the bountiful generosity of nature, fertile valleys, the religion of Islam, and the celebration of Navruz. Other interpretations of the colors state that the flag symbolically unifies the people of Tajik society, with the red stripe representing the manual labour class, the white stripe representing the intellectual worker class, and the green representing the agricultural class living in Tajikistan's rural or mountainous regions

While the red and green stripes on the top and bottom are equal in size, the center stripe is one-and-a-half times that of the others.

The crown and stars are set in a rectangle taking up 80% of the white stripe's height. The crown represents the Tajik people, as the name Tajik is connected with Persian taj «crown» in popular etymology The flag of Tajikistan features seven stars due to the significance of the number seven in Tajik traditional legends, representing perfection and happiness. According to traditional belief, the heavens feature seven mountains and seven orchard gardens with a star shining above each mountain.

The Seven Stars on the National Flag meaning these regions

1. Sogd
2. Zeravshan
3. Gissar
4. Rasht
5. Vakhsh
6. Khatlon
7. Badakhshan

**Done by students of 1st course: Karimiyon Anushervon Qosimzoda Muhammadjon**
**English teacher: Shamsova B.Q.**

# ТОҶИКАМ МАН ТОҶИКИСТОН КИШВАРАМ

Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX баъд аз саршавии равандҳои демократикунонии ҷомеа дар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҷунбишу созмонҳои миллӣ – демократӣ ба миён омаданд. Сиёсати истилоҳоти демократӣ ва махсусан "ошкорбаёнӣ", ки аз ҷониби роҳбарияти Ҳизби коммунистӣ ба миён оварда шуд, имконият фароҳам овард, ки камбудиҳои сиёсати коммунистии замони шӯравӣ оид ба вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ роҳи ҳалли худро ёбанд.

Ин буд, ки дар қатори дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, кишвари азизи мо низ истиқлолият ба даст овард ва ҳар сол 9-уми сентябр ин ҷашни бузург дар саросари мамлакат бошукӯҳ таҷлил мегардад.

**Тоҷикистон марзу буми Оли Сомони ман аст ,**
**Хоки покаш дар шабистони ман аст.**
**Тоҷикам ман Тоҷикистон кишварам,**
**Дар фазояш чун кабутар мепарам.**

Даврони истиқлолият барои мо имкони воқеӣ овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамон муайян карда шаванд.

Бо шарофати соҳибистиқлолӣ асосҳои сохтори конститутсионӣ, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ривоҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромада, шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми ватан ва сарҳади давлати худро таҳти назорати доимӣ гирифтем. Чунон ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: "Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳиятан шакли ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад".

Зикр бояд кард, ки дар даврони истиқлолият давлати ҷавони тоҷикон дар байни мамолики аҳолияш мусалмон ва умуман ҷомеаи ҷаҳони муосир мавқеъ ва манзалати хос пайдо намуд. Суханрониҳои Президенти мамлакат, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаҳои бузурги байналхалқии давлатҳои аъзои Конфронси исломӣ, ҷонибдории сарвари давлати мо аз покизагии дини мубини ислом ва расму оини миллию зарбаи сахт задани ӯ ба даъвогарони ҳамбастагии дини ислом бо терроризму экстремизми байналмилалӣ, ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо мамолики гуногуни олами ислом аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол аз зумраи давлатҳои озоду ободест, ки дар он баробари расму оини миллию мардумӣ анъанаҳо ва маросимҳои динӣ риоя мегарданд.

Тавассути истиқлолият Тоҷикистон тоҷикони ҷаҳонро бо ҳам овард ва дари худро ба ҳаммиллатони бурунмарзӣ боз намуд. Самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон-манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки ин боиси ифтихори ҳар яки мост. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати вокеии миллатро таъмин намуд.

Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолати ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

**Шарифзода Нафиса,**
**донишҷӯи курси 3, ихтисоси 1-25010711а2**



# РОҲ БА СӮИ ВАҲДАТ




**Агар мо ба олами атроф нигарем мебинем, ки он пур аз ихтилофу бетаҳаммулӣ ва ҷудоихоҳ. Сабаб чист? Чаро одамон, кишварҳо бо ҳам дар сулҳу осоиш зиндагӣ карда наметавонанд? Ҷангҳо чӣ тавр ба вуҷуд меоянд? Чаро ҷинояткорӣ мавҷуд аст? Зулм дар оилаҳо аз куҷо пайдо мешавад? Чаро ваҳдати комил ҳанӯз ҳам барои бархе аз кишварҳо армони дастнорас аст?**

Ба назар чунин менамояд, ки дар назди инсоният масъалаҳои бузургу гуногуне истодаанд, ки аз онҳо умумияте ҷустан бефоида аст. Вале агар ба ҳаводиси рӯзгор амиқтар назар андозем, мебинем, ки ҳамаи масъалаҳо аз як сарчашма пайдо шудаанд – одамон дар ботини худ ҳамоҳангӣ пайдо карда наметавонанд ва ин ихтилофи ботинӣ дар муносибатҳояшон бо одамони дигар, пеш аз ҳама дар оилаи худ, берун мезанад. Одамоне, ки ҳамоҳангии ботинӣ ва ваҳдати муҳаббатро дар оила намедонанд, худро чун шахсият пурра зоҳир карда наметавонанд ва ҳар муносибате, ки эҷод кардан мехоҳанд ба ин ё он дараҷа зараровар хоҳад буд. Оилаҳое, ки бо ихтилофҳои дохилӣ пора гаштаанд, ҷомеаи устуворро эҷод карда наметавонанд ва тадриҷан қадам ба қадам ихтилофҳои дохилӣ амиқтар мешаванд, инкишоф меёбанд, дар ҷомеа бетартибии калонро ба вуҷуд меоранд; ниҳоят ин боиси сарзадани ихтилофҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ мегардад.

Одамони зиёде кӯшидаанд, ки дар дунё ваҳдат ба вуҷуд оранд. Вале мо мисли пештара аз дарёфти ин мақсад то дараҷае, ки дил мехоҳад, дурем. Аксаран сиёсатмадороне, ки масъулияти тақдири мамлакатро ба уҳда доранд, дар он ақидаанд, ки некӯаҳволии умумиро дар сурати барқарор намудани қонунҳои мукаммале, ки муносибатҳои байни кишварҳо ё дохили ҷомеаро танзим созанд, ба вуҷуд овардани низоми пухтаи сиёсӣ ё ташкилоти иқтисодии давлатӣ таъмин кардан мумкин аст. Вале танҳо бо ин роҳ рафта сулҳу ҳамоҳангии ҳақиқиро ба даст овардан муҳол аст. Шояд, мо барои ҳалли масъалаҳои гуногун кӯшиш намуда, пай намебарем, ки решаи онҳо хеле амиқанд? Он гоҳ ҳама саъю кӯшиши мо кори боғбони бехунарро мемонад, ки ҳар ҳафта алафҳои бегонаро нест карданӣ шуда бо қайчӣ навдаҳои онҳоро мебурад, вале боз ҳам бештару анбӯҳтар мешаванд. Равшан аст то он даме ки ба ин ҳаваскори бехунар фаҳмонда нашавад, алафҳои бегонаро бояд бо решааш канд, ҳамаи кӯшишҳои ӯ ҳеҷ самаре нахоҳад дод.

Шояд пеш аз он ки дар бораи ҳамоҳангиву ваҳдат дар сатҳи ҷаҳонӣ сухан ронем, зарур аст ихтилофҳоро дар дили худ бартараф намоем? Охир дар ниҳояти амр дунё аз мо, шахсиятҳои ҷудогона, ки бо ҳам дар як сайёра зиндагӣ мекунем, иборат аст.

Роҳи мо ба сӯи ваҳдат аз дастёбии ваҳдат дар худ, эҷоди худ ҳамчун шахсияти мукаммалу ҳамоҳанг шурӯъ мешавад. Асри XX табаддулотҳои зиёди хунинро медонад ва ягона чизе, ки моро зарур аст, табаддулоти дилҳо мебошад, зеро нажодпарастӣ, бетаҳаммулӣ, ҷангҳо, қашшоқӣ, бадӣ, ҳамаи ин аз дили инсон ибтидо мегирад. Бинобар ин, мо бояд роҳеро пайдо намоем, ки чӣ тавр дар дили худ нафратро ба муҳаббат иваз кунем. Фақат он гоҳ дунёи мо беҳтар мегардад.

Чӣ тавр метавон чунин ваҳдатро ноил гардид, инсоне шуд, ки ихтилофҳои ботиниро намедонад? Фаҳмидани он, ки роҳи ягонаи тағйири ин ҷаҳон, бартараф кардани зиштии ҳукмфармо, ин рушди некӣ дар ботини ҳар шахсият аст, як тарафи масъала мебошад, тарафи дигари масъала бошад аз фаҳмиш бо хирадмандиву бурдборӣ худро ҳамчун инсони ҳақиқӣ эҷод намуда, ба ҳаёти воқеӣ гузаштан аст.

Осоиш дар ботини мо аз ваҳдати рӯҳу тан сар мешавад. Ваҳдати рӯҳу тан чӣ маъно дорад? Асоси амалӣ гаштани ҳар гуна хоҳишҳои мо ваҳдати тану рӯҳ аст. Инсоне, ки ба ин ҳамоҳангии ботинӣ муваффақ шудааст, барои одамони атрофи худ шахсияти обрӯманде мегардад. Одамоне, ки рафторашон бо роҳнамоии шуури виҷдон сурат мегирад, ҷомеаи устуворро бунёд хоҳанд кард.

Сиришти инсоният ду ҳадаф дорад: яке барои пешбурди ҳаёту инкишофи шахсиятамон равона шудааст, дуввум ба хидмати одамони дигар алоқаманд буда, баҳри беҳбудии аҳволи дигарон аст. Роҳ ба сӯи ваҳдат аз дарёфти ҳамоҳангии ин ду ҳадаф оғоз меёбад. Роҳи хидмат ба одамони дигарро пеш гирифта, мо ба таври табиӣ характери худро ба сӯи некӣ инкишоф медиҳем. Ба дигарон мадад расонда, барои беҳбудии оилаи худ, кишвар, тамоми инсоният зиндагӣ карда, дар айни замон мо метавонем худро ҳамчун шахси пурра ошкор намоем, он имкониятҳои нодири эҷодиеро, ки ҳар яки мо дорем, таҷассум созем...

Оила фақат шахсияти ҳамсаронро инъикос менамояд. Агар шавҳар ё зан худхоҳ бошанд ва фақат барои қонеъ сохтани хоҳишҳои худ андеша намоянд, дар он оила ногузир ихтилофҳо ба вуҷуд меоянд ва фарзандоне, ки аз онҳо ба дунё меоянд, аз падару модари худ тарзи ҳаёташонро мерос мегиранд. Вале агар зану шавҳар барои беҳбудии дигарон зиндагӣ кунанд, фарзандони онҳо мувофиқи усулҳои муҳаббати ҳақиқӣ зиндагӣ мекунанд ва дар оилаи онҳо армони ваҳдат таҷассум мебошад. Охир ваҳдат дар мусибат чист? Ин пайдо кардани ҳамоҳангии байни хоҳишҳои худ бо хоҳишҳои одамони дигар аст; ғамхорӣ ба якдигар, пуштибониву мадади ҳамдигар аст. Чунин анъанаҳоро аз падару модарон омӯхта, фарзандон ба атрофиён бо муҳаббату хурмат муносибат мекунанд. Аз ин рӯ, оила маркази ҳамоҳангии ваҳдат барои атрофиён ва ҷомеа аст.

Ҳамин тавр, роҳи ваҳдат дар тамоми ҷаҳон аз шахсият шурӯъ шуда, пайи ҳам дар оила, ҷомеа ва давлат бозтоб меёбад ва ба амалӣ шудани армони ваҳдати умумӣ мерасад.

Сарчашмаи муҳаббат Офаридгор аст. Агар ҳамаи одамон ба як чиз имон меоварданд ва дар байни миллатҳо ҳеҷ фарқе намебуд, ин олам чӣ қадар дилгиркунанда мегашт. Хушбахтона, дарёфти ваҳдат дар асоси гуногунрангӣ имконпазир аст. Ҳатто барои он ки ваҳдат падид ояд, гуногунрангӣ зарур аст.

Дар сатҳи умумиҷаҳонӣ фақат муҳаббати падару модар метавонад сулҳи пойдори байни миллатҳоро эҷод намояд.

Динҳо ва миллатҳои гуногунро бо гулбаргҳои як гул ва ё ба ангуштони як даст монанд кардан мумкин аст.

Соли 1992 дар Сеул Анҷумани сеюми динҳои ҷаҳонӣ баргузор шуд, ки дар он намояндагон аз 41 мамлакат ҷамъ омаданд. Ширкаткунандагони Анҷуман ҳадафи ҷамъ омадани худро ин тавр муайян намуданд: "Дар марказ давраи мо зарфе бо хоки ҳамаи қитъаҳои замин ва гулдоне истодааст, ки дар он оби рӯду укёнусҳои сайёраи мо омехта шудааст. Андешаҳо, гуфтор, рафтор ва рӯҳи одамон ин ҷо, дар ин Анҷуман монанди ин обу хок як ҷо ҷамъ омадааст, зеро мо ҳама – як оилаи инсоният ҳастем."

Саъдии бузургвор фармудааст:

**Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**

Хулоса, мо ҳақ надорем нисбат ба халқи худ ҳақношинос бошем. Вале агар бихоҳем, ки дар олам бе ҷанг, бе оштинопазирии нажодиву миллӣ ва динӣ зиндагӣ кунем, ин кофӣ нест. Моро зарур аст, ки арзёбиву эҳтиром ва дӯстдории фарҳангҳои дигарро низ биомӯзем, чунин аст роҳ ба сӯи ваҳдат.

Худованд офарандаи ваҳдат аст, пас Шумо ба дунё бо айнаки ваҳдат назар кунед...

Ба таъбири халқ:

**Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст...**

**Абдураҳими Абдуллоҳ, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# БА КОРОНАВИРУС ҒОЛИБ МЕШАВЕМ, АГАР...

Аҷиб аст, ки баъзан берун аз ихтиёр ҳодисаву воқеаҳои ғайриҷашмдошт рух медиҳанд, ки инсоният ҳеҷ мунтазираш нест. Ҳамаи он чи, ки ғайри ҷашмдошт, ногаҳон рух медиҳаду интизораш нестем, ҳолати фавқулода маҳсуб меёбад. Маҳз чунин як рӯйдоди нохуш- «Коронавируси нав ё COVID -19» болои сари тамоми мардуми ҷаҳон омадааст, ки инсон дар рӯ ба рӯйии он алҳол то андозае оҷиз аст. Мутаассифона, ин вабои аср ба Ҷумҳурии мо ҳам омад ва нафарони зиёде ба он мубтало гардида, чандин нафар аз ин беморӣ ба ҳалокат расиданд.

Муқобили чунин ҳолати фавқулода ба пуррагӣ дар омодабош қарор доштан ғайриимкон аст ва як чизро бояд таъкид намуд, ки гарчанде мо садди роҳи ҳолати фавқулодаро ба пуррагӣ гирифта натавонем ҳам, дар ҳолати омодагӣ қарор доштани мо метавонад зарари мерасидаро то андозае кам намояд.

Дар ин самт тамоми қишри ҷомеа бо"душман"- и ноайён дар набарданд. Яке бо роҳи маблағгузорӣ, дуввумин бо роҳи кумаки хайриявӣ ва табибон бошанд рӯ ба рӯ бо ин вирус "меҷанганд". Тоифаи дигари ҷамъият низ ҳаст, ки имкони чунин дастгириҳоро надошта бошанд, ҳам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тавассути сухани нарму тасаллобахш якдигарро дилбардорӣ намуда, дар муқобили ин беморӣ фарогир истодагарӣ намоянд.

Илми тиб собит намудааст, ки андак бемориро ваҳму тарс, ки боиси суст гардидани иммунитет мешавад, оҳистаоҳиста ба хуруҷ ва бемориҳои марговар бурда мерасонад. Дар сурате, ки «Коронавируси нав ё COVID -19» душмани андак нест, бояд инсон дар муқобили он неруи қавӣ дошта бошад.




Бояд қайд намоем, ки аз нахустин рӯзҳои зуҳури ин беморӣ дар қаламрави кишвар, тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати пешгирии он аз сӯйи Ҳукумати мамлакат ҷораҳои мушаххас андешида шуданд. Ситоди умумиҷумҳуриявии доимоамалкунанда ба фаъолият шурӯъ кард ва дар заминаи он, ба хотири монеъ шудан дар густариши ин беморӣ, дар шаҳру навоҳии мамлакат ва пойтахти азизамон Душанбешаҳр ин гуна ситодҳо таъсис ёфтанд. Ситодҳои ташкилшуда бо ҷалби мутахассисони соҳаи тиб аз тариқи васоити ахбори омма, садову симо, оид ба вируси Корона ва роҳҳои пешгирӣ аз гирифторшавӣ ба ин беморӣ маълумот ва тавсияҳо пешниҳод намуданд. Тамоми шаҳрвандони аз хориҷи кишвар воридшуда, ба карантини муваққатӣ ҷалб мешуданд.

Дар тамоми бозору марказҳои савдо, корхонаву муассисаҳои давлативу ғайридавлатӣ, маҳаллаҳо, кӯчаву хиёбонҳо, истгоҳҳои нақлиёти мусофирбар ва дигар маконҳои ҷамъиятӣ ҷораҳои безараргардонӣ, тавассути маводҳои махсуси кимиёвӣ ба роҳ монда шуд. Бемористонҳо дар саросари кишвар, бо таҷҳизоти ҳозиразамони тиббӣ муҷаҳҳаз шуда, дар шаҳри Душанбе беморхонаи махсуси табобатӣ ба фаъолият шурӯъ кард.

Натиҷаи ин ҳама ҷорабиниҳои саривақтӣ буд, ки дар кӯтоҳтарин фурсат садҳо нафар сироятёфтагон ин бемориро сабук пушти сар карда, шифои комил ёфтанд ва аз бемористонҳо ба хонаҳои худ баргаштанд.

Рӯз то рӯз шумораи гирифторони коронавирус коҳиш меёбад ва рӯзе мерасад, ки мо тоҷикистониён аз ин вабои аср раҳо меёбем. Танҳо бо устуворию матонат амалӣ намудани тавсияҳои табибону мутахассисони соҳаи тиб ва иттиҳоду ҳамбастагӣ дар атрофи роҳбарияти олии кишвар метавонем ба он пирӯз гардем ва комёбиҳоямонро афзун гардонем. Амали мо мусоидат ба нерӯҳои беҳдоштии кишвар буда, риояи тавсияҳо дар роҳи пешгирии ин оризаи номатлуб кори хайру савоб хоҳад буд.

Муҳимтар аз ҳама мо набояд ба тарсу воҳима дода шавем, зеро тарсу воҳима яке аз сабабҳои асосии мубтало гаштан ба ин беморист. Бояд ба худ бовар дошта бошем ва бо риояи масофаи иҷтимоӣ ва қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ худ ва атрофиёнро аз ин беморӣ ҳифз намоем.

**Ш Абдуллоев, муаллими калони фанни мудофиаи граждании ДТТ**



## МУСИҚӢ ВА ҶАҲЛ

Олимони Британияи Кабир ба одамони синну солашон гуногун бо як савол мурочиат намуданд: "Ҷаҳлро чӣ тавр мағлуб менамоед?"

78 фоизи одамон ифроз доштанд, ки барои мағлуб намудани чаҳл шунидани сурудҳои дӯстдошта ба онҳо ёрӣ мерасонад. Мувофиқи маълумот, замоне, ки рӯҳияи одам аз шунидани нотаҳои аввалини мусиқии дилписанд тағйир меёбад, дар чеҳрааш табассум гул мекунад.

**Таҳияи Матлубаи Абдуқаҳҳор**

## 5 ФАКТИ АҶИБ АЗ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ

1. Муҳлати хизмати ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея аз 5 то 12 сол аст. Он аз 17 – солагӣ шурӯъ мешавад ва қади даъватшаванда бояд аз 142 см паст набошад.

2. Дар Чин даъват ба хизмати ҳарбӣ ҷиддист, зеро талабгоронаш ниҳоят зиёданд. Шахсе, ки сигор мекашад, диндор аст, ё танаш холкӯбӣ шуда бошад, аз ҳаққи хизмат маҳрум мешавад. Ҳатто касоне, ки одати хӯррокашӣ доранд, ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намегарданд.

3. Дар Исландия, Ҳаити, Гренландия, Коста – Рика ва Панама расман ба хизмати ҳарбӣ даъват намекунанд. Хизмат дар артиш ихтиёрӣ ва шартномавист.

4. Дар Австралия шаҳрвандонро танҳо дар ҳолати сар задани ҷанг ба хизмати ҳарбӣ даъват хоханд кард.

5. Дар Исроил барои бонувон хизмати ҳарбӣ ҳатмист.

**Таҳияи Бузургмеҳри Баҳодур**

## ҚУВВАОЗМОӢ БО НАҲАНГ

Дорандаи 28 медали бозиҳои олимпӣ Майкл Фелпс (ИМА) дар шиноварӣ ба масофаи 100 метр ба наҳанги (акулаи) одамхӯр сабқатро бохт.

Ягона дар таърих қаҳрамони 23 – каратаи олимпӣ оид ба шиноварӣ Майкл Фелпс пас аз бозиҳои Рио – де Жанейро, соли 2016 корномаи варзишии худро ба итмом расонда, тасмим гирифт, ки бо ташкили шиноварии пештозак бо наҳанг ба сатҳи нав барояд.

Алорағми эродҳои зиёд мусобиқа баргузор гардид. Шиноварӣ дар соҳилҳои халиҷи Моссел (Африкои Ҷанубӣ) сурат гирифт.

Ҷиҳати андак ҳам бошад, баробар кардани шароити рақибон ба варзишгар либоси махсус – ҳидрокостюм ки суръатро меафзояд, пӯшонданд. Вале ин ҳам ба варзишгар кумак накард. Наҳанг масофаи 100 метрро дар 36,1 сония шино намуд. Майкл бошад, дар 38, 1 сония.

**Таҳияи Раҷабалӣ Исматуллоев**

## ЧӢ ХЕЛ "АБЛАҲ" КАПИТАН ШУД?

Подшоҳи рус Николай одатан шабҳо гашта, шахсан худаш аз дидбонгоҳҳо дидан мекард. Дар чунин як нимашаб прапоршике шоҳро пешвоз гирифта, ба ҷойи даст ба чаккаи сар бурдан, нимтаъзим салом медиҳад.

- Ту аз кадом дидбонгоҳ? – мепурсад Николай.
- Аз "ДЕПО" шоҳам.
- Аблаҳ! Магар "депо" сар хам мекунад?
- Дар назди Шумо ҳама сар хам мекунад, Аълоҳазрат, ман – ку як прапоршики хурдакак.
- Аз гуноҳат гузаштам, капитан, - мегӯяд подшоҳ, ки аз афташ лутфи аскар хушаш омада буд.

**Аз русӣ тарҷумаи Фараҳзод Қурбоналӣ**

## ЛЕВ ТОЛСТОЙ АЗ ҲЕЗУМКАШӢ ТО МӮЗАДӮЗӢ

Нависандаи бузурги рус шудгори замин, алафдаравию ҳезумшиканиро дӯст медошт.Чуноне ки шарҳиҳолнависон дар маъхазҳо овардаанд, вай ин корҳоро на фақат барои муҳаббат доштанаш ба ҳаёти одии деҳқонӣ анҷом медод, балки мехост хаста шуда, шабона ба роҳат хоб равад. Ба ин хотир, рӯзона бо ғайрати тамом кор мекард.

Ба ҷуз аз ин, дӯхтани мӯзаҳоро барои тухфа кардан ба дӯстон меписандид.Мӯзаҳои дӯхтаашро ба дӯстон, шиносҳо ва хешовандонаш ҳадия мекард. Михаил Сухотин, домоди дворянинаш ёдовар шудааст, ки боэҳтиёт армуғони дӯхтаи падарарӯсашро дар рафи китобхо, дар паҳлуи асари "Ҷанг ва сулҳ" нигоҳ медорад.

**Таҳияи Иронбӣ Мӯсозода**

## ТӮҲФАИ ФАВҚУЛОДА

Маҳатма Ганди ба қатора савор шуданӣ буд, ки ғайричашмдошт аз пояш як тоқи туфлиаш ба болои роҳи оҳан афтод. Ҳарчанд кӯшиш кард, ки онро гирад, аммо натиҷа ҳосил нашуд. Зеро дар ин вақт қатора ба ҳаракат даромада буд.

Ганди оромона тоқи дувуми туфлиашро аз пой бароварда, дар он дастхате гузошту наздики тоқи аввал андохт. Вақте аз ӯ пурсиданд, ҷаро ин тавр кард, бо табассум гуфт:

- Ин тоқи туфлӣ ба он бечорае, ки тоқи аввалро меёбад аз ҷониби ман тухфа мешавад

**Таҳияи Гулнисои Саъдоншо**

## АЗ НАВИСАНДАИ ОДӢ ТО МИЛЛИАРДЕРИ САТҲИ ҶАҲОНӢ

Эдинбург Ҷоан Роулинг, нависандаи фаронсавӣ, соли 1995 нахустин асари худро бо номи "Ҳарри Потер ва санги фалсафӣ" барои нашр ба 12 нашриёт фиристод. Мутаассифона, ҳама ҷопи ин асарро рад намуданд. Танҳо дар соли 1997 нашриёти "Блумсбер" ин китобро ба маблағи 4000 доллар харид кард.

Айни ҳол, 7 асари ӯ бо номи "Сеҳргар Ҳарри Потер" бо 70 забони дунё тарҷума шуда, 400 миллион нусхаи он дастраси хонандагон гардидааст. Эдинбург Ҷоан баъди ба даст овардани маблағи зиёд дар таърих аввалин миллиардере гардид, ки аз фурӯши осори ҷопӣ сарват ба даст овардааст.

**Таҳияи Гулнисои Саъдоншо**



## ЧОЙНИКИ ҚАДИМА БА 1,3 МИЛЛИОН ДОЛЛАР ФӮРУХТА ШУД

Сокини Дорсет ном мавзеи Британияи Кабир чойники кухнаи дар хонааш давоми солҳо зери ҷанг хобидаро миллион фунт стерлинг фурӯхт. Дар ин бора Агентии иттилоотии "The Mirror" хабар додааст.

Ӯ ба хона барои баҳогузории ашёи нодаркор ва кухна аз ширкати музоядаи "Duke`s Auctioneers" коршиносеро даъват менамояд. Мутахассис чойники дар токча бударо дида, хоҳиш менамояд, ки баҳогузориро аз он сар кунад. Баъд аз дидани муҳри кабуди зери чойник онро барои экспертизаи муфассал бо худ мебарад.

Маълум мешавад, ки чойник ашёи антиқӣ ва қиматбаҳо буда, дар миёни солҳои 1735 – 1796 шахсан барои императори Хитой Сянлун сохта шудааст.

Бозёфт ба музояда гузошта шуда, ба маблағи 1,04 миллион фунт стерлинг (тақрибан 1,3 миллион доллар) фурӯхта шуд.

**Таҳияи Муҳаммадраҷаб Бердиёров**

### *МУРОҶИАТҲОИ ҒАЙРИОДИИ БЕМОРОН*

## 57 САДДОЛЛАРА ДАР МЕЪДА

Яке пулро дар ҳамён нигоҳ медораду дигаре дар бонк. Аммо Сандра Миленаи колумбиягӣ роҳи нави ҳифзкунии онро кашф кард. Ӯ меъдаашро ба хазина табдил дод.

Зан маблағро барои саёҳат ҷамъ оварда буд, аммо байни ӯву шавҳараш муноқишае бархосту аз сари қаҳр 9 ҳазор долларро фурӯ бурд. Баъд аз муроҷиат, табибон тавонистанд танҳо 57 саддоллараро берун оваранд. Боқимондааш, аллакай дар кислота ҳал шуда буд.

**Таҳияи М. Қодирова**

## ИРОДАИ ҚАВӢ КАФИЛИ МУВАФФАҚИЯТҲОСТ

Соли 1912 дар шаҳри Стокголми Шведсия бозиҳои олимпӣ баргузор гардиданд, ки дар он варзишгари амрикоӣ Ҷим Торп ҳамагонро ба ҳайрат овард. Дар ин бозиҳо Торп ду медали тиллоро дар намуди варзиши панҷҳарба ва даҳҳарба ба даст овард. Аҷибаш ин аст, ки ду соат қабл аз оғози мусобиқа пойафзоли варзишии ӯро дуздиданд. Ин холат Торпро рӯҳафтода накард ва бо иродаи қавӣ пойафзоли каси дигар, ки андозааш гуногун буд, қувваозмоӣ намуда, муваффақ ҳам шуд. Дар анҷоми бозӣ Шоҳи Шведсия Густав V ҳангоми тақдими медали тилло ба Торп чунин гуфт: "Ҷаноб, шумо варзишгари беҳтарини ҷаҳонед!". Торп бошад, ба пойафзоли пӯшидааш назар карду хоксорона ҷавоб дод: "Ташаккур шоҳ".

**Таҳияи Гулнисои Саъдоншо**

## ШОҲРОҲИ ОҲАНӢ

Амрико аз бунёди роҳҳои асфалтӣ қариб пурра даст кашида, акнун фақат шоҳроҳҳои оҳанӣ месозад. Ғафсии ин роҳҳо назаргир буда, онҳо метавонанд даҳсолаҳо бе навсозӣ хизмат кунанд. Ҳатто снарядҳои тӯпҳои 10 – 15 сантиметра наметавонанд ба ин роҳҳо осеб расонанд. Маблағ барои сохтмони чунин роҳҳо аз ҳисоби фурӯши автомобил ва харидани рақами мошин ҷамъоварӣ мешавад. Ба ҳисоби миёна амрикоӣ барои харидани мошин 75 доллар (изофапулӣ барои роҳ) ва барои гирифтани рақам боз ҳамин миқдор пул сарф мекунад ва ин маблағҳо пурра барои сохтмони роҳҳо сарф мегарданд. Агар ба ҳисоб гирем, ки дар Амрико пайваста то 23 миллион мошин дар гардиш асту амрикоиҳо зуд – зуд иваз кардани мошинро дӯст медоранд, миллиардҳо доллар ҷамъ меояд.

**Таҳияи Мавлуда Одинаева**

## ЧЕК БА ҶОИ ПУЛ

Амрикоие нест, ки ҳисоби бонкӣ надошта бошад. Ҳатто корманд ё хизматчии нодортарин ҳам аз хурдӣ ҳисоби ҷории бонкӣ дорад. Кӯдак вақти ба синфи як қадам гузоштан аз шуъбаи бонкии ба ин мавзеъ хизматрасон ҳисоби хурдтарини бонкӣ мегирад ва ҳамаи устодон ба ӯ ҷамъ овардани пулро талқин мекунанд. Масъули бонк моҳе як ё ду бор ба кӯдак ҳисоби ҷорӣро ёдрас ва иловаҳои ҳатто хурдтарини чандсентаро зам мекунанд. Барои қариб ҳама кору чиз (пардохти ҳаққи барқ, об харидани молу маҳсулот...) ба ҷои пул маблағ бо чек пардохта мешавад.

...Ва аз ин ҳисоб давлат ҳамеша соҳиби триллионҳо доллар пули нақд аст.

**Таҳияи Манзура Шамсова**

### *ҲУНАРМАНДОНИ МАШҲУРИ ҲОЛЛИВУД*

## ЛЕОНАРДО ДИ КАПРИО



Леонардо Де Каприо дар шаҳри Лос – Анҷелеси иёлати Калифорния (Амрико) ба камол расида, бо офаридани нақши асосӣ (Чек Доусон) дар филми "Титаник" дили ҳазорон – ҳазор мухлисонро тасхир намуд ва маҳбуби бинандагон гардид. Аҷдодаш аз табори славянҳо буда, чун муҳоҷир дар Олмон зиндагӣ кардаанд. Баъдтар хонаводаи Леонардо дар яке аз маҳаллаҳои ноободи Лос – Анҷелес иқомат доштанд. Модараш барои таъминоти рӯзгор ва бароварда намудани хостаҳои писараш дар чанд ҷо кор карда, нисфишабӣ ба хона бармегашт. Дар синни 14 – солагӣ наврас азм кард, ки ҳунарманди овозадор шуда, оиларо аз бенавоӣ раҳонад. Дар аввал дар ширкати рекламавие кор ёфт. Зоҳири зебою заҳматкаринии навҷавон роҳбари ширкатро дар тааҷҷуб гузошт. Ҳамин буд, ки ӯро барои ҳамроҳ бо ҳунарманди шинохтаи амрикоӣ Роберт Де Ниро нақш бозидан дар филми "Ҳаёти ин ҷавон..." даъват кард. Он вақт Леонардо 19 – сола буд. Офаридани ин нақш калиди даркушои бахти ӯ гардид. Билохира, ҳаёти ӯ шукӯҳу манзалати тозае касб кард.

**Таҳияи Иронбӣ Мӯсозода**



# ЗАН САРЧАШМАИ МАЪРИФАТ

**Чанде пеш дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳти ҳамин ном ҳамоиш баргузор гардид.**

Дар ҳамоиш сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Заррина Зуҳурова, мутахассиси хонаи ақди никоҳ Камолахон Исмоилова, муовинони деканҳои факултетҳо ва донишҷӯдухтарони дар хобгоҳи донишгоҳ иқоматкунанда иштирок доштанд.

Чорабиниро муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ З. Юсупова оғоз намуда, меҳмононро хайрамақдам гуфт ва суханро ба Заррина Зуҳурова во гузошт. Мавсуф дар бораи барпокунӣ ва парокандашавии оила, тарзи дурусти истифодабарии телефонҳои мобилӣ, тақлиди либоспӯшӣ ва дар бораи риояи тартибу интизоми духтарон ҳарф зада, диққати иштирокдоронро бо мисолу маслиҳатҳои муфид ба худ ҷалб намуд.

Комилахон Исмоилова низ зимни суханронӣ аз хусуси парокандашавии оилаҳои ҷавон, эҳтироми хонаводаи шавҳар, пеша кардани сабру таҳаммул дар зиндагӣ, хуллас, омода намудани духтарон ба зиндагии мустақилона ёдовар шуда, ба аҳли толор дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Дар хотимаи ҳамоиш З. Юсупова ба меҳмонон барои ташриф овардан ба донишгоҳ ва маслиҳатҳои судмандашон аз номи раёсати донишгоҳ изҳори сипос намуд.

**Н. Комилова, мудри бахши кор бо занон ва духтарон**



**Тарзи ҳаёти солим**

# СОЛИМ БУДАН, ХУД ХУШБАХТИСТ

Агар инсон дорои тамоми неъматҳо бошаду саломатӣ надошта бошад, пас зиндагӣ барояш ҳеҷ маъное надорад, зеро солимӣ омили хушбахтӣ мебошад. Инсон то он даме, ки ба беморие гирифтор нашавад, қадри саломат буданро намедонад. Баъзан бисёр нигаронкунанда аст, ки дидаву дониста, кор ва ё амалеро иҷро менамоем, ки оқибаташ гирифтор шудан ба бемориҳост. Аз ҷумла, ба бемории фарбеҳӣ.

Фарбеҳӣ солҳои охир ба яке аз бемориҳои хавфноки сайёра мубаддал гардида, он тамоми кишварҳои ҷаҳонро нигарон кардааст. Зеро оқибати он ба камумрӣ оварда мерасонад. Фарбеҳӣ беморие мебошад, ки бо чарббандии ҷисм алоқаманд буда, зиёдшавии вазни бадан нисбат ба меъёрҳои қабулгардида арзёбӣ мешавад. Тибқи иттилои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) дар саросари ҷаҳон ҳар сол на камтар аз 2,8 миллион нафар дар натиҷаи вазни зиёдатӣ ё фарбеҳӣ вафот менамоянд.

Тибқи ақидаҳои мутахассисони соҳаи тиб "аввалин сабаби дучор гардидан ба бемории фарбеҳӣ, ин аз меъёр зиёд истеъмол намудани маҳсулоти хӯрокворӣ ва таомҳои дорои миқдори зиёди неру, аз қабили гӯшту маҳсулоти гӯштии серравған, ширу маҳсулоти ширии равғаннокиашон баланд, шакар, конфет, торт ва маҳсулоти қаннодӣ. Дуюм сабабаш камҳаракатӣ. Ҳангоме ки миқдори зиёди кислотаҳои чарбӣ ва карбогидратҳо оксид мешаванд, агар фаъолияти мушакҳо заиф бошад, кислотаҳои чарбӣ ва карбогидратҳо ба чарби бадан мубаддал мегарданд. Дар баробари ин, одатҳои номатлубе, ки омили инкишофи бемории фарбеҳӣ мегарданд, инҳо тамокукашӣ ва аз меъёр зиёд истеъмол намудани машрубот мебошанд. Гузашта аз ин бояд гуфт, ки бемории фарбеҳӣ омили ирсӣ низ ҳаст. Агар падару модари шахс ба бемории фарбеҳӣ гирифтор бошанд, аллакай замина барои инкишофи бемории мазкур дар фарзандони онҳо вуҷуд дорад". Бояд қайд намуд, ки оқибати фарбеҳӣ ба бемориҳои фишорбаландӣ, диабети қанд, саратон ва ғайра оварда мерасонад.

Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки ҷиҳати пешгирии бемории фарбеҳӣ ба ҷои маҳсулотҳои хӯроквории таркибашон чарбдор бояд маҳсулотҳоеро, ки аз орди навъи дуюму сеюм тайёр карда мешаванд, истеъмол намоем. Бояд бештар таваҷҷуҳ ба истеъмоли меваю сабзавот ва кабудиҳо карда шавад. Чунки дар таркиби онҳо неру вуҷуд надорад ва онҳо аз нахҳои ғизоӣ бойянд. Инчунин истифодаи зиёди намак, истифодаи тамъдиҳандаҳо дар ғизо, истеъмоли ғизоҳои тезтайёр, истеъмоли нӯшокиҳои ширини газнокро низ бояд кам кард. Ҳамчунин ба баланд намудани сатҳи ҷисмонӣ ва фаъолияти ҷисмонӣ бояд аҳамият доду зиёдтар роҳ гашт.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бемории фарбеҳӣ мавҷуд буда, вақтҳои охир зиёд шудани он Ҳукумати кишварро нигарон кардааст. Бино ба оморҳои мавҷуда бемории фарбеҳӣ дар миёни аҳолии кишвар 11,3%-ро ташкил менамояд. Дар байни мактаббачагон бошад, 4,7%-ро дар бар мегирад. Бояд қайд намоем, ки дар асоси хулосаҳои мутахассисони соҳа паҳншавии бемории фарбеҳӣ миёни мардон нисбат ба занҳо як фоиз зиёд аст.

Ҷиҳати пешгирии ин беморӣ 30 сентябри соли 2019 зимни баргузории маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи пешгирии фарбеҳӣ ва ташаккули ғизои солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2024» қабул гардид. Он паҳлуҳои муҳими пешгириву табобати ин бемориро фаро гирифта, ҳамзамон, табибонро ба омӯзишу таҳқиқи ин масъала водор месозад.

Мегӯянд, ки ҳар дардро давоест. Дар ин росто бемории фарбеҳӣ низ истисно нест. Зеро он низ табобатшаванда асту барои ин танҳо иродаи қавӣ лозим. Умуман, дар ҳама ҳолат зарур аст, ки муҳофизи солимии худ бошем. Зеро солим будан, худ хушбахтист.

**З.Р.Юсупова, дотсенти кафедраи забони русӣ ва таҳсилоти касбӣ.**

# БА ПЕШВОЗИ 30 – СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мо бо заҳмати аҳлонаи худ бояд то ҷашни бузурги миллиамон пойтахти кишвари азизамонро ба шаҳре табдил диҳем, ки он воқеан боиси ифтихори кулли мардуми мамлакат ва макони диданиву дӯстдоштаи меҳмонону сайёҳон гардад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**





Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари таълиму тарбия ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, ба ҷиҳати ободонию тозагии саҳни донишгоҳ ва минтақаҳои вобастакардашуда таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар асоси нақшаи тасдиқгардида мунтазам гузаронидани шанбегиҳо ва ҳашарҳои умумидонишгоҳиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондааст.

Тавре ки муовини ректор оид ба тарбия Заррина Юсупова иброз дошт, гузаронидани шанбегиҳо тибқи нақшаи чорабиниҳои донишгоҳ то ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии кишвари азизамон давом хоҳанд кард.

**Х. Бахронова, мутахассиси шуъбаи тарбия**

Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ
МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя: Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.
Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3
Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.
Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.
Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1500 нусха.